**Суратмаҷлиси №14**
**Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067**

оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ва доктори илми филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.00.00 - Илмҳои филологӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва 10.02.01 – Забони тоҷикӣ) ва 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 - Фолклоршиносӣ)

17 октябри соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар узви Шурои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267/шд тасдиқгардида, 11 нафар иштирок доранд, ки 4 нафари онҳо доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд. Пешниҳод шуд, ки маҷлис кушода эълон карда шавад. Аъзои муҳтарами Шуро, пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шуро хоҳиш намуданд, ки маҷлис кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи маҷлис:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Зулфониён Раҳим Раҷабзода** дар мавзуи “Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ Султон Ҳасан Баротзода, аъзои комиссияи экспертӣ Нуров Пирмаҳмад ва Мирбобоев Азиз хулосаи комиссияи экспертиро хаттӣ пешниҳод намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи **Зулфониён Раҳим Раҷабзода** дар мавзуи “Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Ҳомидов Дилмурод- доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Қурбонмамадов Сомон Хушқадамавоич – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳо, муовини ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия – МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ” таъйин карда шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи ИЗА ва КОА-и назди Президенти ҶТ ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.
5. Таърихи рӯзи ҳимоя 16 январи соли 2024, соати $13^{30}$ таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси Шурои диссертатсионӣ
доктори илми филология Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Юсуфов У.